# ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲ

Имрӯз, 17-уми апрели соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бахшида ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик семинари илмӣ-методӣ таҳти унвони «Роҳу усулҳои босамари педагогии таҳкими муносибати омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим» баргузор гардид. Семинарро директори муассиса Ниёзӣ Сироҷиддин ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки дар даврони 35 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошу ташаббусҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Иброз гардид, ки маҳз ба шарофати таваҷҷуҳи доимӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат заминаҳои моддию техникӣ ва илмию методии соҳа таҳким ёфта, барои рушди илми тоҷик, такмили фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбияи мутахассисони соҳибкасбу донишманд шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин замина, таҳкими муносибати омӯзгор ва хонанда низ яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир арзёбӣ гардида, барои баланд бардоштани самаранокии таълим, рушди маънавию ахлоқии хонандагон ва беҳтар гардидани фазои психологию педагогии муассисаи таълимӣ аҳамияти калидӣ дорад. Сипас, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ Иматзода Лутфия Маҳмадулло дар мавзуи «Ҳамкории педагогии муассисаи таълимӣ ва оила дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия» баромад намуд. Дар маърӯза таъкид гардид, ки ҳамкории муназзам ва ҳадафноки муассисаи таълимӣ ва оила яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия буда, дар ташаккули ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва масъулиятшиносии хонанда нақши муҳим дорад. Ҳамчунин, ходими калони илмии шуъбаи мазкур Холмуродов Алишер дар мавзуи «Роҳнамоии омӯзгор дар раванди таълим ва аҳамияти он дар таҳкими муносибати омӯзгору хонанда» маърӯза ироа намуд. Номбурда зимни

суханронӣ иброз дошт, ки роҳнамоии дуруст ва ҳадафманди омӯзгор метавонад барои таҳкими эътимод, эҳтироми мутақобила ва фаъол гардидани хонанда дар раванди таълим мусоидат намояд. Дар ҷамъбасти семинари илмӣ-методӣ таъкид гардид, ки муносибати солими педагогӣ миёни омӯзгор ва хонанда аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, иброз гардид, ки таҳқиқу баррасии пайвастаи ин масъала ва татбиқи таҷрибаҳои муассир дар амалияи таълимӣ барои рушди минбаъдаи соҳа аҳамияти муҳим дорад.









